**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода»
доктори илмҳои филологӣ
__________ Низомӣ М.З.
__13__ ____08____ соли 2020

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон», ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми публитсистикашиносии тоҷик бахшида шудааст. Ин масъала вижагиҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон аст, ки дар илми филологияи тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтааст.

Тоҷӣ Усмон аз зумраи эҷодкоронест, ки дар самтҳои гуногун – нависандагиву муҳаққиқӣ, рӯзноманигориву публитсистӣ фаъолият намуда, ба кори тарҷума низ машғул шудаанд. Ӯ дар ин бахшҳои эҷод қувваозмоӣ намуда, дар ағлаби онҳо, хосса дар офаридани симоҳои адабиёти классикии тоҷику форс муваффақ шудааст.

Тоҷӣ Усмон ба майдони рӯзноманигорӣ дар нимаи аввали солҳои 1930 ворид шуда, то охири умр, бо вуҷуди дар корҳои давлативу маъмурӣ адои вазифа намудан, аз кори рӯзноманигорӣ дур набудааст. Фаъолияти рӯзноманигории ӯ аз нашрияи «Тоҷикистони Сурх» шурӯъ гардида, минбаъд дар нашрияҳои «Бо роҳи ленинӣ» (ҳоло «Хуҷанд»),

«Тоҷикистони Советӣ» ва маҷаллаи ҳаҷвии «Хопуштак» идома ёфтааст. Дар ҳар яке аз ин нашрияҳо, ӯ бо вуҷуди вазифаҳои пурмасъулиятро ба дӯш доштан, ба эҷоди публитсистӣ ва пажӯҳишҳои илмиву оммавӣ машғул шуда, дар жанрҳои гунонун асарҳо офаридааст.

Ин ва дигар ҷиҳатҳои фаъолият далолат ба он мекунанд, ки интихоби мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» барои таҳқиқи диссертатсионӣ айни замон буда, дар илми публитсистикашиносии тоҷик муҳимму аҳаммиятнок аст.

Мавриди зикр аст, ки доир ба Тоҷӣ Усмон ва эҷодиёти ӯ дар адабиёт ва публитсистикашиносии тоҷик таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ ба анҷом нарасида бошад ҳам, вижагиҳои баъзе аз осори ӯ дар мавридҳои гуногун аз ҷониби ҳампешагону муҳаққиқон арзёбӣ шудааст. Чунин адабиётро муҳаққиқ ба се гурӯҳ: асарҳои ёддоштиву публитсистӣ; асарҳои илмӣ ва осори тарҷумаиҳолӣ ҷудо намудааст, ки дуруст аст.

Ин пажӯҳишҳо ҳарчанд шахсияти сиёсӣ ва эҷодии Тоҷӣ Усмонро ба пуррагӣ намо дода наметавонанд, аммо барои муайян кардани ҷараёни ташакккули шахсияти иҷтимоӣ ва баъзе вижагиҳои эҷодиёти ӯ ба диссертант ҳамчун сарчашмаҳои илмиву қомусӣ кумак расонидаанд. Бо вуҷуди ин аз мутолиаи диссертатсия чунин тасаввурот ҳосил мешавад, ки диссертант бештар ба сарчашмаҳои аслӣ – осори публитсистиву бадеии Тоҷӣ Усмон такя намудааст. Чунин усул имкон фароҳам оварда, ки диссертант дар муайян намудани вижагиҳои асарҳои ин адиб бештар хосгуфторӣ намояд.

Ба ин мазмун пажӯҳиши ӯ дар нишон додани муҳити иҷтимоии замон, зиндагӣ ва муносибати Т. Усмон ба ҷомеа, хосса аҳли илму адаб, тавсифи умумии осори адабиву публитсистӣ ва баррасии хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии очеркҳои ӯ, муайян намудани вижагиҳои публитсистикаи ин адиб сухани тоза ва мубрам аст.

Натичаҳои таҳлилу баррасиҳои баанҷомрасида имкон медиҳанд, ки дар бораи ҳаёту эҷодиёт, вижагиҳои умумӣ ва хоссаи асарҳои Тоҷӣ Усмон, мавқеи жанрҳои алоҳида, бахусус очерк дар публитсистикаи ӯ ва амсоли ин таассурот ва маълумоти нисбатан пурраеро ҳосил намоем.

Диссертант моҳияти мавзӯи таҳқиқро илман маърифат намуда, бо дарназардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ омӯзиш ва баррасии онро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба шакл даровардааст, ки комилан дуруст аст.

Дар муқаддима чун қоида аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок ва дарачаи омӯзиши он баррасӣ шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шуда, татбиқи кор тавсиф гардидааст.

Диссертант мавзӯи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ва риояи мантиқ мавриди таҳлил қарор додааст, ки барои пайиҳам ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмӯъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиши мавзӯъ мусоидат кардааст. Бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро фаро гирифта, ба якдигар дар алоқамандии мантиқӣ қарор доранд. Ҳар боб аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия «Ҳаёт ва эҷодиёти Тоҷӣ Усмон дар контексти муҳити иҷтимоию адабии замон» номгузорӣ шуда, масъалаи нақши фазо ва муҳити фарҳангии замон дар ташаккули шахсияти эҷодии Тоҷӣ Усмон ва хусусиятҳои умумии осори адабиву публитсистии ӯро фаро гирифтааст.

Дар фасли аввали ин боб дар заминаи сарчашмаҳои маълумотиву ёддоштӣ зиндагиномаи Тоҷӣ Усмон баррасӣ шудааст. Дар нишон додани воқеияти аслии зиндагии Тоҷӣ Усмон ва хислату характери ӯ диссертант бештар ба маълумоти ёддоштӣ, аз ҷумла хотироти Шаҳобиддин Садруллин, Ҳоҷӣ Содиқ, Муҳиддин Фарҳат, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон такя намудааст. Омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва дар мавриди муайян иқтибос намудани хотироти ин ва дигар ҳампешагони Тоҷӣ

Усмон ба диссертант имкон додааст, ки чеҳраи инсонӣ ва адабии ӯро ба таври воқеӣ нишон диҳад. Тоҷӣ Усмон бо тақозои замон ва талаби касб дар идораҳои гуногун адои вазифа намудааст. Солҳои ҶБВ дар матбуоти ҳарбии Закавказия фаъолият намуда, як муддат дар хориҷӣ кишвар низ ба корҳои дипломатӣ машғул будааст, бо ашхоси дорои касбу кори гуногун ҳамкорӣ доштааст. Дар ҳар ҷо ва ҳар маврид ӯ бо ҳамкорон некхоҳ буда, дар муносибат ба касбу вазифа пурмасъул будааст. Ба ин манзур дар таассуроти аксарияти ҳампешагон ӯ ҳамчун журналисти пуркор, серғайрат, ёрирасони халқ, фаъоли иҷтимоӣ, навҷӯ, нававар, масъулиятшинос, дорои чашми корректорӣ муаррифӣ мегардад.

Унвонҷӯ зиндагиномаи Тоҷӣ Усмонро баррасӣ намуда ба хулосаи дуруст меояд, ки "муҳити иҷтимоӣ, шароити оила ва мактаб барои тарбияи маънавии ӯ мусоидат намуда, меҳри эҷодкориро дар қалбаш бедор намудааст. Ин меҳр ӯро ба муҳити дигар – шаҳрҳои Хуҷанду Душанбе меорад, ки кор дар нашрияҳои гуногун, фаъолияти серсамта диду назар, ҷаҳонбинӣ ва инсонияти ӯро такмил мебахшад. Бо тақозои касбу кор ва вазифа ба шаҳрҳои бузургтарин Маскаву Петербург, Тошканду Теҳрон сафарҳои хидматӣ мекунад, бо шахсиятҳои бузург кору фаъолият менамояд ва ба ин васила ҷаҳонбинии илмӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худро вусъат мебахшад. Меҳри касб, дӯстдории ватан, масъулиятшиносии касбӣ боис гардида, ки Т. Усмон ба қадри вақту зиндагонӣ бирасад, аз он самаранок истифода барад ва осори мондагореро таълиф намояд" (с.29).

Фасли дуюми ин боб – "Хусусиятҳои умумии осори адабиву публитсистӣ" самтҳои фаъолияти эҷодии Тоҷӣ Усмонро дар бар гирифтааст. Фаъолияти эҷодии Тоҷӣ Усмон бештар дар се самт: рӯзноманигорӣ, нависандагӣ ва муҳаққиқӣ шакл гирифтааст.

Мавзӯи асосии нигоштаҳои рӯзноманигориву публитсистии ӯро мубориза бар зидди босмачиён, урфу одатҳои феодалӣ, барқарор кардани ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон, сохтмон, ҳаёту зиндагии пешоҳангони истеҳсолот, аввалин фотеҳони ҳаёти нав, корнамоиҳои

партизанҳои тоҷик, шуҷоату далерии мардони кор, бунёдкориҳо ва амсоли ин ташкил медиҳанд.

Очеркҳои Тоҷӣ Усмон воқеиятҳои мубрам ва масъалаҳои муҳимми замони ӯро фаро гирифта, дар заминаи мушоҳидаҳои ҳаётӣ, факту рақамҳои мушаххас, таассуроти шахсии худи муаллиф ба вуҷуд омадаанд. Онҳо ифодагари набзи замон ва ҳунару маҳорати нигорандагии муаллифанд.

Дар боби дувуми диссертатсия – «Мавқеи очерк дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» мавзӯи баҳси муҳаққиқро асосан ду паҳлуи масъала – дарку баррасии маърифати воқеаҳои иҷтимоии замон дар очерк ва тасвири чеҳраҳои адабиёт дар публитсистикаи адиб ба худ кашидааст. Ба назари мо ба масъала ин гуна муносибат намудани унвонҷӯ дурусту мантиқӣ аст, зеро дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон, аз як тараф, масъалаҳои мубрами замон бештар дар жанри очерк мавриди инъикосу тасвир қарор гирифтаанд, аз ҷониби дигар, ҳеҷ аз адибону публитсистон мисли Тоҷӣ Усмон ба ҳаёти эҷодиёти адибони тоҷик таваҷҷуҳи амиқ зоҳир нанамудаанд.

Диссертант очеркҳои Тоҷӣ Усмонро аз ҷиҳати мавзӯъ шартан ба се қисм: сохтмони сохти шӯравӣ, корномаҳои замони ҶБВ ва таърихиву адабӣ ҷудо карда, ҳар яке аз ин қисмро дар алоҳидагӣ муфассалан таҳлил намуда, вижагиҳои умумӣ ва хоси онҳоро нишон додааст, ки қобили қабул аст.

Аз таҳлилҳои унвонҷӯ бармеояд, ки дар миёни очеркҳои Тоҷӣ Усмон мавзӯи тақдири занон, бахусус занони эҷодкор, суханвар, ҷалби занону духтарон ба мактабу маориф низ мавқеи кам надоштаанд. Кору пайкони чунин занон дар асарҳои мустанади ӯ “Айса”, “Ҳафиза”, “Насими бахт”, “Чилдухтарон”, маҷмӯаи “Бисту се адиба” ба таври воқеӣ ва муассир тасвир шудааст. Муаллиф, ба масъалаҳои бонувон ҳамчун фарзанди замон муносибат намуда, чеҳраи онҳоро дар заминаи рӯҳияи давру айём намо додааст.

Боби сеюми диссертатсия, ки «Вижагиҳои публитсистикаи ҳаҷвии Тоҷӣ  Усмон» ном дорад, низ шомили ду фасл буда, вижагиҳои мавзӯиву жанрии публитсистикаи ҳаҷвии Т. Усмонро фаро гирифтааст.

Дар публитсистикаи Т. Усмон ҳаҷв мавқеи муҳим дорад. Фаъолият дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» боис гардидаст, ки Тоҷӣ Усмон ба эҷоди асарҳои ҳаҷвӣ камари ҳиммат бандад. Ба ҳисоби муҳаққиқ ӯ  дар ин маҷалла зиёда аз панҷоҳ асари ҳаҷвиро дар жанрҳои фелетон, памфлет, пародия ва эпиграмма ба табъ расонидааст. Муҳаққиқ асарҳои ҳаҷвии Тоҷӣ Усмонро мавриди таҳлил қарор дода, онҳоро аз нигоҳи шакл ба се гурӯҳ: ҳикоя,фелетону памфлет ва осори назмӣ ҷудо намудааст, ки ба таҳқиқи ӯ низом бахшидааст.

Аз таҳлилу баррасиҳои муҳаққиқ бармеояд, ки Тоҷӣ Усмон дар офаридани асарҳои ҳаҷвӣ таҷрибаи бой доштааст. Ӯ на танҳо дар навиштани асарҳои ҳаҷвӣ, балки дар шинохти назарии чунин осор дорои дониши васеъ ва маърифати амиқ будааст. Дар офаридани асарҳои ҳаҷвӣ ӯ ба ду сарчашма: адабиёти классикии форсу тоҷик ва ҳаҷви матбуоти рус такя менамудааст. Таҳия намудани намунаи осори ҳаҷвии адибони тоҷик бо номи “Хандаи созанда” далел ба ин фикр шуда метавонад.

Диссертант дар баррасии осори ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон ба ду паҳлу: мавзӯъву мундариҷа ва ҳунари ҳаҷвнигорӣ (шакли жанрӣ) таваҷҷуҳ намудааст. Мавзӯи ҳаҷвиёти ӯ каму костиҳои ҳаёти иҷтимоии замон, амалҳои номатлуби ашхоси алоҳида ба мисли тамаъ, дурӯягӣ, ҳатулкорӣ, фиреб будааст. Муаллиф дар танқиди ин ва амсоли ин амалҳои манфур аз воситаҳои гуногуни ҳаҷвсоз чун зарбулмасалу мақол, маҷозу истиора, таъбирҳои халқӣ, кинояву истиора моҳирона кор гирифтааст. Т. Усмон аносири ҳаҷв ва танзро ба ҳам омезиш дода, услуби баёнашро равону фаҳмо, нақлашро ҷолиб ва тасвироташро шавқовар гардонидааст.

Ҳамин тавр, мавзӯи мавриди таҳқиқ ва масъалаҳои ба миён гузоштаи муҳаққиқ илмиву мантиқӣ буда, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш,  ки бо бобу фаслҳои диссертатсия сахт алоқаманданд, мушахас ва аниқ ба шакл даровардa шудааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши илмиву амалӣ дорад. Он дар илми публитсистикашиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки вижагиҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмонро дар бар мегирад. Муҳтавои дисертатсия то ҷойе донишҳои илмӣ ва амалии публитсистикашиносиро афзуда, дар ташаккули маърифати назарӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа таъсир гузошта метавонад. Маводи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, тадриси фанҳои асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика, таърихи публитсистикаи тоҷик, мактаб ва ҷараёнҳои публитсистӣ истифода кард.

Ҳамин тавр, мазмуни диссертатсия ва услуби таълифи кор моро яқин месозад, ки муаллифи он Салимзода Маҷид Одинаро ҳамчун муҳаққиқи дорои қобилияти хуби дарки пажӯҳиш, неруи мустақилонаи таҳқиқоти илмӣ, шеваи хоси баҳсу муҳокима ва ҷасорати дифоъ намудани мавқеи худ арзёбӣ намоем. Ӯ кори илмии хуберо ба анҷом расонидааст. Нукоти ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти навгонӣ дошта, дар заминаи матни диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия муаллиф дар такя ба адабиёти илмӣ ва қомусиву ёддоштӣ бахшҳои фаъолияти эҷодии Тоҷӣ Усмонро баррасӣ намудааст, ки хеле хуб аст, аммо ба назар чунин мерасад, ки ӯ ба фаъолияти таҳқиқии публитсист камтар эътибор додааст;

2. Дар боби дуюм, ки баҳси мавқеи очерк дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмонро фаро гирифтааст, асарҳое низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки аз нигоҳи жанрӣ аз доираи талаботи очерк берунанд. Масалан, маҷмӯаи “Бисту се адиба”, ки дар бораи муҳити зиндагӣ ва эҷодии адибаҳои тоҷик маълумот медиҳад;

3. Хуб аст, ки дар боби сеюми диссертатсия вижагиҳои публитсистикаи ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон ба баррасӣ кашида шудааст. Муаллиф тазаккур медиҳад, ки Т. Усмон танҳо дар маҷаллаи

“Хорпуштак” зиёда аз 50 ҳаҷвия интишор намудааст, аммо дар диссертатсия намунаҳои ками чунин осор ба таҳқиқ кашида шудааст;

4. Ҳарчанд диссертатсия бо забони шево ва босаводона навишта шуда бошад ҳам, дар он баъзан нуқсонҳои ҷузъии забонӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, калимаҳои чилдухтарон, Чӯтаков, Муҳаммадраҳим муҳим дар ду шакл: чил духтарон (с.56), Чутаков (с.66), Маҳмадраҳим (с.79) навишта шудаанд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мустақилона буда, аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Автореферат ва 7 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизиони факултети режиссура, кино ва телевизиони МДТ ”Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” 7 августи соли 2020 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар ҷаласа 11 нафар ширкат намуда ба тарафдории тақризи мазкур 11 нафар овоз доданд, зид ва бетараф нест.

Раиси ҷаласа, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” доктори илмҳои филологӣ, дотсент Муъминҷонов Зулфиддин

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи журналистикаи телевизион Абдуллоева Адиба

Эксперт, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион Сабуров Абдунабӣ

Имзоҳои Муъминҷонов З., Абдуллоева А. ва Сабуров А.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода” Ҳомидова Зарина
12 августи соли 2020

Нишонӣ: 734032, ш. Душанбе,
хиёбони Борбад 73а,
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода”
тел. +992(327) 231 05 57, 231 45 45
www ddst. tj
E-mail: tajartins@yandex.com